«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ҷ.Б. ________________
«27» ______________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич дар мавзуи **«Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Каримов Хушруз Шомирзоевич докторанти (PhD) кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума ба шумор мерафт.

Соли 2016 Каримов Хушруз Шомирзоевич факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) дараҷаи бакалавр хатм кардааст.

Ҳамчунин, соли 2018 Каримов Хушруз Шомирзоевич зинаи магистратураи ДДЗТ ба номи С.Улуғзодаро бо ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) хатм намуда, баъди он ҷиҳати идомаи таҳсил ба зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дохил шуда, соли 2021 аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) онро хатм намудааст. Айни замон, ба ҳайси ассистенти кафедраи забони англисӣ барои ихтисосҳои ҳамгирои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи рисолаи илмии Каримов Хушруз дар Шурои олимони Донишкада аз 30 майи соли 2019, таҳти №10/4-1 таҳти унвони «Инъикоси консепти “Water”- “Об” дар системаи лексика ва таъбироти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи лингвокултурология» тасдиқ гардида ва баъд аз муҳокимаи кафедра ба «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» ивази ном карда шуд.

Роҳбари илмӣ Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода мебошад.

Маълумотномаи академӣ (транскрипт) аз 13.11.2023, №1/761 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Диссертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума аз 24.05.2025, таҳти №10/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия**. Мавзуи диссертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич таҳти унвони «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пурра мутобиқат менамояд

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба сархати 9-и Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503) иртибот дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳангоми тадрису пажуҳиш дар самти забоншиносии муқоисавӣ накши муҳим дорад. Ҳамзамон, диссертатсия бо “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438)” иртибот дорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати Каримов Хушруз Шомирзоевич дар мавзуи «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» ба пуррагӣ мутобиқат менамояд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати проффесорону устодони кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Довталаби дараҷаи илмӣ бо такя ба осори илмӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ воҳидҳои забонии ифодаи консепти «об/water»-ро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо гурӯҳҳои муайян ҷудо намуда, номвожаҳои ифодакунандаи консепти «об/water»-ро бори нахуст ба низоми муайян даровардааст.

Ҳамзамон, саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки ӯ тули солҳои зиёд оид ба корбурди консепти «об/water» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқот бурда, дар ин самт мақолаву гузориш таҳия ва нашр намудааст. Инчунин, муаллиф вобаста ба мавзуъ бори нахуст дар ҳамоишҳои илмии сатҳи мухталиф баромад намуда, мавқеи корбурди консепти «об/water»-ро дар забонҳои муқоисашаванда аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Диссертатсияи Каримов Х.Ш. дар мавзуи «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 14 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Вобаста ба мазмун ва нуктаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидаанд, ки 2,8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мазмуни диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Каримов, Х.Ш. Инъикоси консепти «об» дар асари «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ дар таркиби таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума [Матн] / Х.Ш. Каримов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2019. – №4 (36). – С. 45-50. ISSN 2226-9355.
2. Каримов, Х.Ш. Консепти «об» дар таркиби воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.Ш. Каримов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С. 79-86. ISSN 2226-9355.
3. Каримов, Х.Ш. Марзи маъноии консепти «water / об» дар забони англисӣ [Матн] / Х.Ш. Каримов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №4 (44). – С. 49-55. ISSN 2226-9355.
4. Каримов Х.Ш., Турсунов, Ф.М. Шарҳи луғавию маъноии вожаи «об» (water) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] Каримов Х.Ш. / Ф.М. Турсунов, // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – №4 (48). – С. 84-91. ISSN 2226-9355.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Каримов, Х.Ш. Тасвири мафҳуми «об» дар осори адибони классики форсу тоҷик [Матн] / Х.Ш. Каримов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо” – Душанбе, 2020. – С. 322-325.
2. Каримов, Х.Ш. Нигоҳе ба консепти «об/water» дар таркиби воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Х.Ш. Каримов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар шароити муосир” – Душанбе, 2022. – С. 251-256.
3. Каримов, Х.Ш. Вижагиҳои образии консепти “об/water” дар матнҳои бадеӣ [Матн] / Х.Ш. Каримов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Масъалаҳои тарҷума ва тарҷумашиносии тоҷик: вазъият ва дурнамо” – Душанбе, 2023. – С. 328-333.
4. Каримов, Х.Ш. Доираи маъноии консепти “об/water” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Х.Ш. Каримов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Аҳаммияти омӯзиши забонҳои романӣ-германӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон” – Душанбе, 2025. – С. 206-212.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич дар мавзуи «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич дар мавзуи «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 Забоншиносии мукоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 24 майи соли 2025, №10/1 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 8 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Котиби ҷаласа:** ассистенти кафедраи
забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Исматиллоева Дилафрӯз Ҳабибовна

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова
ва Д.Ҳ. Исматиллоеваро
тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
« 26 » мая соли 2025